## ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 20 июни соли 2026, №106**

**Барои сазовор донистани Солеҳзода Давлатбек Уроқ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзуи «Экспертизаи суди дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистои» барои дарёфти дараҷаи илмии иомзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ 28 марти соли 2026, №93 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд тасдиқ шудааст) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Солеҳзода Давлатбек Уроқ 3-юми марти соли 1970 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Солеҳзода Давлатбек Уроқ соли 1998 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2005 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2017 №01-05 ба кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳайси унвонҷӯ қабул гардида, онро дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳ аз 14 январи соли 2021 №22-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2017, №12 тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 2 декабри соли 2025, №108 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2026, №6 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** – Искандаров Зайниддин Ҳамидович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Раҳматҷонзода Рифат Рахматҷон -** доктори илмҳои хуқуқшиносӣ, дотсент, муовини сардори академяи Вазорати корҳои Дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**- Ҳамроев Шуҳрат Садирович -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянин Россия ва Тоҷикистон.

**Ба ҳайси муассисаи пешбар** муассисаи таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (шаҳри Ҳуҷанд).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат бо коррупсия, номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсент Қобилзода Ботурхоҷа Қобилхоҷа, омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қаҳорзода Насимҷон Мазбут ва котиби ҷаласа: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоева Мадина Камоловна, имзо ва аз ҷониби ректори "Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон", номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Муминзода Ш.А., санаи 18 майи соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Солеҳзода, Д. Оид ба баъзе масоили мақоми коршинос дар мурофиаи судии ҷиноятӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №3. – С. 259-263; ISSN 2413-5151.

[2-М]. Солеҳзода, Д. Нақши коршиноси судӣ дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021.

– №3 (23). – С. 239-252; ISSN 2414 9217.

[3-М]. Солеҳзода, Д. Аҳамияти далелии хулосаи коршиноси судӣ (эксперт) аз рӯи тадқиқоти ҳуҷҷатҳои пластикӣ ҳангоми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо [Матн] / Д. Солеҳзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – №2 (46). – С. 101–107; ISSN 2410-2903.

[4-М]. Солеҳзода, Д. Масоили механизмҳои мурофиавии амалинамоии экспертизаи судӣ мутобиқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д. Солеҳзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №3 (51). – С. 220–226; ISSN 2410-2903.

[5-М]. Солеҳзода, Д. Ҳамкории коршиносони судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ [Матн] / Д.Солеҳзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №2 (67). – С. 266-271; ISSN2664-0651.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[6-М]. Солеҳзода, Д. Мушкилоти экспертиза дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Маводҳои конференсияи илмӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши экспертизаи судӣ дар тафтиши ҷиноят» – 2018. – (107–109). – С.278.

[7-М]. Солеҳзода, Д. Ба сифати далел баромад намудани хулосаи коршиноси судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Ҳаёт ва қонун – 2020. –(125–132).– С.174

[8-М]. Солеҳзода, Д. Хулосаи коршиноси судӣ ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ: Тадқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ [Матн] / Д. Солеҳзода // Маводҳои конференсияи илмӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ дар «Форуми ҳафтуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Тоҷикистон» Ҳаёт ва қонун. – 2022. – №2 – (105–108). – С. 120.

[9-М]. Солеҳзода, Д. Мубрамияти тадқиқоти эксперти дар раванди парвандаҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д. Солеҳзода // Ҳаёт ва қонун – 2023. –№1– (114–119). – С. 143

[10-М]. Солеҳзода, Д. Нақши коршиноси судӣ дар тафтиши ҷиноятҳои марбут ба мубориза бар зидди савдои одамон: /Д. Солеҳзода//

Маводҳои конференсияи илмӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи

«Муқовимат ба савдои одамон: мушкилот ва мулоҳизаҳо» – 2023. –( 187–190). – С249.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Абдухолиқзода А.** – мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсен;

**Назрошо Ф.Ю.** – сардори шуъбаи экспертизаҳои судӣ балистикӣ ва тиру гилзадони РТК ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия, н.и.ҳ.;

**Собирзода И.С.**– ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Дар доираи мурофиаҳои судии маданӣ ва иқтисодӣ қарор^дар бораи таъин намудани экспертиза аз ҷониби судя дар асоси дархости тарафҳо қабул карда мешавад.

2. Ба андешаи мо ҳангоми гузаронидани таснифи экспертизаҳои судӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои экспертӣ ва махсусиятҳои экспертизаҳои судии гузаронидашаванда омили ниҳоӣ буда наметавонанд. Дар ин зимна ба назар гирифта шудани омилҳои дигар, масалан, субъектоне, ки экспертизаҳои судиро мегузаронанд, аз аҳаммият холи нест.

3. Зери шубҳа қарор додани мафҳумҳои пешниҳодгардида имконнопазир аст, зеро, ки вай ба тадқиқоти гузаронидашуда асос ёфтааст. Лекин, аз нигоҳи мо ба он илова карда шудани калимаи «судӣ» метавонад мантиқи онро то андозае махдуд намояд.

Дар маҷмуъ эродҳои зикршуда сатҳу сифати корро коста намегардонанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи- мурофиаи ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи**

**илмӣ дар асоси ичро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** Исбот карда мешавад, ки таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии худ амали мурофиавии ҷиноятӣ буда, бо қарор ё таъиноти ваколатдори муфаттиш ё суд вобаста аст, аммо худи фаъолияти экспертӣ хусусияти мустақили илмӣ–тадқиқотӣ дошта, ба татбиқи донишҳои махсус такя менамояд;

– **пешниҳод шудааст:** мафҳуми эксперти судӣ, ки дар қисми 1 моддаи 58 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ба такмил ниёз дорад. Дар ин замина пешниҳод мегардад, ки эксперти судӣ ҳамчун шахси воқеие эътироф карда шавад, ки дорои дониш ва малакаи махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар буда, бо қарори мақоми тафтишотӣ ё таъиноти суд, ҳамчун шахси ба натиҷаи парвандаи ҷиноятӣ манфиатнадошта, барои додани хулосаи хаттӣ ва илмӣ–асоснок ҷалб мегардад;

- **исбот шудааст**, ки мустақилият ва беғаразии эксперти судӣ шарти зарурии эътимоднокии хулосаи экспертӣ буда, он кафолати муҳимми таъмин намудани исботи боэътимод ва қабули қарорҳои қонунию асоснок дар парвандаҳои ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Асоснок мегардад, ки танзими масъалаҳои тартиби таъин, ҳолатҳои ҳатмии гузаронидани экспертиза, намудҳои он ва талабот ба хулосаи экспертӣ бояд дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ анҷом дода шавад, дар ҳоле ки фаъолияти дохилии тадқиқоти экспертӣ ба меъёрҳои илмӣ ва касбӣ такя менамояд.;

**ҷорӣ намудани:** мутобиқ кардани қонунгузорӣ, бартараф намудани мухолифатҳо ва кафолати мустақилияти коршинос, қисмҳои 2–5 моддаи 58 КМҶ ҶТ бо ворид намудани тағйирот бояд мутобиқ ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» таҳия шаванд. Ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти экспертизаи судӣ ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба тартиботи муайяншуда риоя шавад ва ҳам мустақилияти илмию касбии коршиносон таъмин гардад, ки ин ба таҳкими адолати судӣ ва дурустии исбот дар парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** Бинобар сабаби он, ки дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ бештар ҷанбаҳои амалӣ ва муаммоҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст, аз ин хотир истифода гардидани натиҷаи он аз тарафи доираи васеи намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла аз тарафи намояндагони муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Ин бо он асоснок карда мешавад, ки зимни таҳияи рисолаи диссертатсионӣ ҳамон муаммоҳое ба назар гирифта шуданд, ки дар раванди таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ, таҳия кардани хулосаи коршинос, баҳо додани он аз тарафи мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ пайдо мешаванд. Муаммоҳои мазкур тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар асоси таҳлили муқоисавӣ бо 23 қонунгузории шабеҳи мамлакатҳои хориҷӣ, ба монанди давлатҳои иштирокчии ИДМ гиреҳкушоӣ гардида, роҳи ҳалли масъала ва тартиби дурусти баррасӣ кардани онҳо тавсия дода шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** тадқиқоти гузаронидашуда зарурати такмили қонуни мурофиавии ҷиноятиро ошкор кард, ки масъалаҳои таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар судро танзим мекунад. Пешниҳодҳо оид ба эҷоди меъёрҳои нав, инчунин ворид намудани тағйирот ба меъёрҳои амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ, ки вазъи мурофиавии коршинос ва фаъолияти ӯро дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ танзим мекунанд, таҳия карда шуданд.

– **баён шудани** он ки дар ҳолати набудани нишонаҳои мушаххаси ҷиноят дар моддаи 307[1] КҶ ҶТ, талаб намудани муайян кардани аломатҳои таркиби ҷиноят аз ҷониби эксперт мухолифи принсипи қонуният мебошад ва хулосаи эксперт бояд ҳамчун фаъолияти иловагӣ ва ғайримустақими исбот арзёбӣ гардад. Пешниҳод мегардад, ки қонунгузор нишонаҳои таркиби ҷиноятҳои марбут ба фаъолияти экстремистиро ба таври дақиқ дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ намояд, то сарҳади масъулияти мақомоти тафтишотӣ ва экспертҳо равшан гардад;

– **ошкор гардидани омилҳо, ки** амалияи ҳозираи экспертизаи судӣ ва криминалистӣ нишон медиҳад, ки ин намуди фаъолият на танҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ гузаронида мешавад, балки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки иштирокчии муносибатҳои хусусӣ мебошанд, низ метавонанд ба анҷом додани он машғул шаванд. Бо вуҷуди ин, мақоми ҳуқуқии чунин шахсон ва ҳуқуқҳои онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян нашуда, инчунин мақоми давлатӣ, ки назорати фаъолияти онҳо ва самаранокии экспертизаҳоро таъмин намояд, муқаррар нагаштааст;

– **омӯхта шуданд:** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» бонаардошти ин пешниҳод мегардад, ки тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд: Пешниҳод мегардад, ки бо мақсади мутобиқ кардани қонунгузорӣ, бартараф намудани мухолифатҳо ва кафолати мустақилияти коршинос, қисмҳои 2–5 моддаи 58 КМҶ ҶТ бо ворид намудани тағйирот бояд мутобиқ ба қонуни Чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» таҳия шаванд. Ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти экспертизаи судӣ ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба тартиботи муайяншуда риоя шавад ва ҳам мустақилияти илмию касбии

коршиносон таъмин гардад, ки ин ба таҳкими адолати судӣ ва дурустии исбот дар парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат мекунад;

– **аз нав такмил додани КМҶ ҶТ.** Асоснок карда мешавад, ки дар сурати рад намудани хулосаи коршинос, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки қарорҳои худро бо асоснокии илмӣ ва ҳуқуқӣ қабул намоянд, аз ин рӯ пешниҳод мегардад, ки матни мазкур ба қисми 6, моддаи 88 КМҶ ҶТ илова карда шавад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои муаллиф, ки дар раванди таҳлили масъалаҳои марбут ба асосноккунии хусусиятҳои экспертизаи судӣ аз нуқтаи назари мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин тавсияҳои амалӣ, ки дар асоси онҳо барои фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба баланд гардидани самаранокии механизмҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

– **муайян карда шуданд,** ки бо назардошти таҷрибаи амалияи мақомоти тафтишотӣ ва прокуратура, ки ба таври ғайриқонунӣ талаби санадҳои иловагӣ ва такрории шаҳодаткунонии муассисаҳои экспертиро то оғози парвандаи ҷиноятӣ васеъ истифода мекунанд, пешниҳод мегардад, ки ба қисми 1, моддаи 208 КМҶ ҶТ иловаи зерин ворид карда шавад: «Дар ҳолатҳои зарурӣ экспертизаи судиро пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ таъин кардан мумкин аст»;

– **коркард карда шуд:** натиҷаи бадастомадаи тадқиқоти диссертатсионӣ, ки илман асоснок карда шудаанд, мумкин аст, дар самти такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи экспертизаи судӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд;

– **муаррифӣ карда шуд:** таҳлили низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи мақоми ҳуқуқии коршинос собит намуд, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои коршинос бо доираи назарраси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ», КМҶ ҶТ, КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари монанд ба ин муқаррар карда мешавад. Коршинос бошад дар ҳамагуна ҳолат дар симои ҳамон як шахс ифода карда мешавад. Аммо, аз ҷониби ҳамон як шахс истифода шудани доираи гуногуни ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар муносибатҳои мазмунан гуногун лекин моҳиятан як мувофиқи мақсад нест. Вобаста ба ин, дар ҳамагуна ҳолат ба таври ягона муқаррар карда шудани ҳуқуқ ва

уҳдадориҳои коршинос бо роҳи унификатсияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавсия дода мешавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки унвонҷӯ ҳангоми пажӯҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёри-ҳуқуқии байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти таҳқиқоти экспертизаи судӣ андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** таҳлили амалияи мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ва суд нишон медиҳад, ки хулосаи коршинос ҳангоми гузаронидани экпертизаи такрорӣ на ҳама вақт ба ҳам мутобиқат мекунад. Агар ба ин аз як тараф ба таъхир гузоштани таъини экспертизаи дахлдор ва бо ҳамин коҳиш ёфтани сифати далели шайъӣ боис гардад, аз тарафи дигар ҳолати мазкурро бо ҷой надоштани марказҳои муосири такмили ихтисос барои коршиносон алоқаманд кардан мумкин аст;

– **ғоя асоснок шудааст, ки** таҷрибаи мақомотҳои тафтишотӣ ва прокуратура оид ба васеъ истифода намудани талаби санадҳои иловагию такрории шаҳодаткунонии ғайриқонунӣ аз муассисаҳои экспертӣ то оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ чун амали хилофи Кодекси амалкунандаи мурофиаи ҷиноятӣ эътироф карда шуда, ба мақомоти ваколатдор тавсия дода мешавад, ки то ба мавриди ворид намудани тағйироти дар зер ишорашуда аз ин амал худдорӣ намоянд. Бо дарназардошти ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба қ. 1, м. 208 КМҶ ҶТ иловаи зерин ворид карда шавад: «Дар ҳолатҳои зарурӣ экспертизаи аввалияи судиро пеш аз оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ таъин кардан мумкин аст»;

– **муайян шудаанд,** ки бо мақсади таъмин намудани воқеанигорӣ, холисӣ ва дур будан аз манфиатҳои идорӣ дар коркард ва пешниҳоди хулосаи экспертӣ, муаллиф зарурияти баровардани муассисаҳои экспертизаи давлатӣ аз итоати вазорату идораҳои соҳавӣ ва ба як хадамоти назди ҳукуматӣ табдилу мутаҳҳид намудани онҳо таклиф менамояд;

– **истифода карда шуданд:** дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 100 парванда аз бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуд, инчунин, маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқарраротиилмӣ то сатҳи навгонии

илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 20 июни соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Солеҳзода Давлатбек Уроқ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд тасдиқ гардида, 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои шурои дисрертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзозода Қ.Х.**

**20 июни соли 2026**